**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1.– Таърихи ватанӣ**

Дар замони Истиқлоли давлатӣ бо шарофати ҷаҳду талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сулҳу оромӣ таъмин гардида, барои зиндагии орому осоишта ва фаъолияти созандагӣ дар кишвар шароити мусоид фароҳам омад.

Дар натиҷа, роҳи минбаъдаи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нафақат Тоҷикистон, балки минтақаҳои он муайян карда шуд. Дар ин марҳила барои дарки нисбатан васеи илмии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва фарҳангии минтақащои кишвар ба миён омад.

Бояд қайд намуд, ки дар таърихнигории муосири ватанӣ масъалаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлол ба тарзи бояду шояд мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Вобаста ба ин, таҳқиқи масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мубрамияти таҳқиқи мавзуи мазкурро нишон медиҳад.

Аз шиносоӣ ба автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» маълум мегардад, ки рисола дар ҳаҷми 196 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 245 номгӯй) иборат буда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок кардашуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект ва заминаҳои методологӣ,

навгонии илмӣ, арзиши амалии диссертатсия, ҳамзамон саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми рисола, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ба таҳлили масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали замони соҳибистиқлолӣ бахшида шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал «Оғози дигаргуниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар зербоби дуюми он масъалаҳои муҳимми сиёсии марҳалаи аввали замони истиқлолият ва ба арсаи сиёсат ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон - рӯйдодҳои бузурги таърихӣ-сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳлил гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ (солҳои 1991-2021)“ мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуда, дар зербоби якум мушкилоти пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳо дар шароити нави иқтисоди бозорӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар зербоби дуюми боби дуюм бошад, масъалаҳои тағйирот дар ҳаёти аграрии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб таҳлил гардидаанд.

Ҳамзамон, боби сеюми диссертатсия – “Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ” номгузорӣ шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби сеюм – «Тағйирот ва комёбиҳо дар соҳаи маорифи халқ» мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Инчунин дар зербоби дуюми боби мазкур масъалаҳои хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва инкишофи соҳаи тандурустии минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия андешаҳои ҷамъбастӣ нисбати мавзуъ қайд гардида, пешниҳодҳои муаллиф ба асосноккунии маводи назариявӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсия аз сарчашма ва адабиёти гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва маводи интернетӣ истифода гардидааст.

Дар маҷмуъ рисолаи диссертатсионии Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» як сарчашмаи муътамади илмӣ ба ҳисоб рафта, дар он масъалаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии яке аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлол таҳқиқ ва ҷамъбаст карда шудааст. Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи Шодизода С.И. мазмуни кори илмияшро инъикос менамоянд.

Дар баробари бартарихо дар автореферати рисола, баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсия ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи рисолаи диссертатсионӣ Шодизода Саодат Исломхон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. – Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:** ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи
идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои таърих, и.в. профессор Б. П. Ализода

**Имзои Б**. Ализодаро **тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. А.Н. Насурдинзода
«20» 04 с.2026